Подкасти лоиҳаи GEFF Тоҷикистон #5: Зарфҳо барои об

***Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:***

Хуш омадед ба эпизоди 5-уми силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон! Мо равшанандозии масъалаҳои таъсири иқлим ва роҳҳои ҳалли «сабз»-ро, ки барои шароитҳои Тоҷикистон мувофиқанд, идома медиҳем.

Тӯли 30 соли охир дар Тоҷикистон тақрибан 1000 пиряххои андозаашон миёна аз байн рафтанд – қайд менамояд муовини директори Агентии обуҳавошиносии Тоҷикистон, Каримҷон Абдуҳалимов дар конференсияи дурӯза оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлими Осиёи Марказӣ (CACCC-2019), ки 3 апрели соли 2019 дар шаҳри Тошканд баргузор гардид. Аз рӯи гуфтаҳои он кас тағйирёбии иқлим барои таъмини шароити мусоиди зиндагонии аҳолӣ ва ҳифзи захираҳои оби ин минтақа як хатар ё худ таҳдиди ҷиддӣ ба шумор меравад. "Аз 14 000 пиряххои дар Тоҷикистон мавҷудбуда, ки барои ин минтақа аҳамияти муҳими ҳаётӣ дорад, 1000 пиряхашон дар давоми 30 соли охир нобуд гардиданд " – гуфт Абдуҳалимов.

Лоиҳаи GEFF Тоҷикистон технологияҳои сабзи самаранокиашон баландро, ки барои зиёд намудани маблағгузории иқлими Тоҷикистон равона гардидаанд, дастгирӣ менамояд. Он аз ҳисоби сарфа намудани хароҷот, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва беҳсозии сатҳи зиндагӣ ба сармоягузорон таъсири мустақим дорад. Лоиҳаи GEFF бо мақсади фаро гирифтани корхонаҳои хурд ва шахсони воқеӣ ҳамкориро бо шабакаи ташкилотҳои молиявӣ ба роҳ мондааст.

Ман Азиз Ғафоров, мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ҳастам. Дар шумораи гузаштаи силсилаи подкастҳо мо масъалаи бунёди боғҳо дар нишебиҳо баррасӣ намуда будем. Подкасти пештара барои зеркашӣ намудан дар сомонаи мо бо суроғаи www.ebrdgeff.com/tajikistan дастрас мебошад. Силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ба масъалаҳои агробизнес ва занҷираи бунёди арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ бахшида шудааст. Дар он сӯҳбатҳо бо мутахассисони маҳаллӣ, инчунин бо агрономҳо ва муҳандисон пешниҳод шудаанд.

Имрӯз мо дар бораи нигоҳдории об ва зарфҳои истифодаи маҳаллӣ, ки барои мақсадҳои кишоварзӣ роҳандозӣ мегарданд, гуфтугӯ мекунем. Гарчанде, ки кишвари мо аз оби ошомиданӣ бой бошад ҳам, бо вуҷуди он об на дар ҳама ҷо дастрас мебошад. Баъзе аз ноҳияҳои Тоҷикистон аз об танқисӣ мекашанд ва он ҷойҳо қадри об то андозае баланд аст, ки на фақат барои обёрӣ, инчунин балки ҳамчун оби ошомидании душвордастрас ба ҳисоб меравад. Аммо ба ҳамаи мушкилиҳо нигоҳ накарда, сокинони минтақаҳои дурдасти кишварамон барои дарёфт намудани манбаҳои мувофиқи об, бо роҳҳои гуногун нигоҳ доштани об ва ҳатто истифодабарии онро барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ шуруъ намудаанд. Мутахассиси мо Ҷамшед Бобоалиев, мутахассиси молиявии лоиҳа имрӯз бо мо дар бораи фикру ақидаҳои худ доир ба афзалиятҳои технологияи нигоҳдории об, инчунин муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии занҷири арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ ва беҳтарсозии устувории иқлим дар Тоҷикистон мусоидат менамояд, сӯҳбат хоҳанд намуд.

Ҷамшед, хоҳишмандам ки бигӯед, ки чаро мо дар бораи нигоҳдории об бояд фикр кунем, вақте ки мо ҳеҷ гоҳ норасоии обро на дар фасли тобистон ва на дар зимистон ҳис намекунем?

***Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:***

Ташаккур, ба фикрам Шумо гуфтан мехостед, ки қисме аз аҳолӣ норасоии обро ҳис намекунанд, вале на ҳамаашон. Медонед, дар мо якчанд минтақаҳои деҳот мавҷуданд, ки ба он ҷо норасоии об, ҳатто оби ошомидонӣ ҳис карда мешавад ва аҳолии ин минтақаҳо қадру қимати ҳақиқии оби тозаи ошомиданиро ба хубӣ дарк менамоянд. Ин, пеш аз ҳама албатта бо моделҳои тағйирёбии иқлим дар

кишвар алоқаманд аст, мавсими хушкӣ мунтазам дароз шуда истодааст, оби дарёҳо бо сабаби азхудкунии заминҳои нав кам шуда истодааст, миқдори боришот кам шуда, инчунин захираҳои обҳои зеризаминӣ низ паст шуда истодааст. Албатта тағйироти якбораи маҷрои дарё хеле кам ба амал меоянд, вале чунин тағйиротҳо гоҳ-гоҳ шуда истодаанд ва назаррас мебошанд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Инро ба назар гирифта, дар минтақаҳо аҳолӣ бо ин гуна тағйиротҳои номусоид чӣ тавр зиндагонӣ мекунанд? Кадом чораҳои мутобиқшавиро онҳо истифода мебаранд?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон::*

Ҷавоби ин савол чунин аст – ҷамоварии об. Бале, ҷамъ намудани об ин роҳи беҳтарин аст, ки ба ҳама маълум мебошад. Ин барои аҳолии Тоҷикистон чизи нав нест. Ин усули комилан кӯҳнаи таъминкунии хонавода ва кишоварзӣ бо об мебошад. Доир ба мутобиқшавӣ бошад, бояд зикр намоем, ки қисми аҳолӣ ба сохтани ҳавзҳои гуногунҳаҷм барои ҷамъ кардани об машғул хастанд. Ҷамъкунӣ ва нигоҳдории оби борон дар баъзе минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон боз ҳам маъмултар гардида, барқарорсозӣ ва сохтмони чоҳҳои нав ҳамчун чораҳои мутобиқшавӣ дар қисми шимоли мамлакат маҳсуб меёбанд. Ҳар як минтақа ба чораҳои самараноки худ таваҷҷӯҳ менамоянд. Одамон натиҷаҳои манфии тағйирёбии иқлимро ҳис мекунанд, вале ҷои муҳити зисти худро монда ба дигар ҷо намераванд ва ба шароити нав мутобиқ мешаванд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Шумо метавонед дар бораи нигоҳдории об маълумот диҳед? Кадом намуди зарфҳо ва ҳавзҳои нигоҳдории об мавҷуданд ва барои кадом мақсадҳо асосан истифода мешаванд?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Хуб, ин маҷмӯи мақсадҳои гуногун, барои нӯшидан, дар хона истифода бурдан, нӯшонидани чорво ва обёрӣ мебошад. Намудҳои зарфҳо аз зарфҳои таъинашон ошомиданӣ фарқият мекунанд. Зарфҳои муосир асосан зарфҳои обҷамъкунандаи пластикӣ мебошанд, ки аз Эрон, Чин, Россия ба кишвари мо ворид карда мешаванд ва дар кишвари мо ҳам истеҳсол мешаванд. Ранги онҳо сафед, кабуд, ё сиёҳ буда, бо ҳаҷми гуногун ҳастанд, яъне: 100 литр, 500 литр, 1 тонна, 5 тонна ва гайра.

Инчунин, зарфҳои металлии истифодашуда ҳастанд. Одатан ҳаҷми онҳо хело калон аст, тақрибан 10 тонна. Ин гуна зарфҳо барои оби ошомиданӣ кам ва асосан барои нӯшонидани чорво ва дигар мақсадҳои хоҷагӣ истифода мешаванд.

Дигар намуде, ки бисёртар мавриди истифода қарор мегирад – ин ҳавзҳо барои нигоҳдории об, ки аз металл ва бетон сохта шудаанд. Ин намуди ҳавзҳо бо сабаби солҳои зиёд хизмат кардан ва боэътимод буданашон дар муқоиса бо дигар намуди зарфҳо бисёртар истифода бурда мешаванд. Ин гуна ҳавзҳои захираи об одатан барои мақсадҳои гуногун сохта мешаванд, вале сифати оби нигоҳдошта бо мурури замон паст мешавад.

Дигар намуди нигоҳдории об, ки деҳқонон истифода мебаранд, ин кофтани чуқурӣ ва рӯйпӯшии он бо плёнкаи пластикӣ ё геомембрана мебошад. Ин усул дар муддати чанд мавсим хизмат мекунад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Боварӣ дорам, ки чунин маънидодҳо барои шунавандагони мо бисёр ҷолиб буданд. Лутфан мегуфтед, ки насбкунандагони чунин системаҳо асосан бо кадом мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Истифодабарандагон бо бисёр мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва аз ҳама асоситаринашон инҳо мебошанд:

Барои оби ошомиданӣ: зери таъсири гармӣ ва рӯшноии дохили зарфҳо муҳити оптималӣ барои ташаккулёбии обсабзҳо ба амал меояд, ки дар натиҷа зарурияти доимо хизматрасонӣ ё тозакунии зарфи об пайдо мешавад. Барои пешгирии чунин ҳолат мувофиқи қоидаҳои умумӣ зарфҳои сиёҳ ё пӯшида, инчунин ҳавзҳои бетониро дида баромадан мумкин аст. Аз сабаби қобилияти пасти гузаронандани нурҳои ултрабунафш, ин усули нигоҳдории об яке аз усулҳои аз ҳама оптималии ҳалли масъала мебошад. Дар муқоиса бо дигар моделҳо, зарфҳои сиёҳ ва бетонӣ ба тозакунии доимӣ ниёз надоранд ва дигар намуди зарфҳоро дар як мавсим якчанд бор тоза кардан зарур аст. Муҳим аст, ки зарфҳои об қабати аз нурҳои ултрабунафш ҳимоякунанда дошта бошанд, ки обро аз зиёдшавии миқдори ҳар гуна бактерияҳо муҳофизат намоянд.

Барои оби кишоварзӣ: ҷойгиршави ҳавз муҳим аст. Зарур аст ҷойгишавии оптималии ҳавз, то ки дастрасӣ ба об осон гардад. Аз тарафи дигар, деҳқон бояд дар бораи масоҳати заминҳои обёришавандааш низ фикр кунад. Ҳарчӣ қадар андозаи замин калон бошад, ҳамон қадар зарф ё ҳавз бояд калон бошад. Варианти аз ҳама беҳтарин – сохтани ҳавз дар баландӣ мебошад, то ки қувваи гравитатсия барои обёрӣ кӯмак кунад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Барои боз ҳам хубтар фаҳмидани шунавандагон, мегуфтед, ки масалан деҳқон чӣ гуна метавонад миқдори обро барои обёрии заминаш муайян намояд?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Одатан деҳқонон бо меъёри зарурии об хуб шиносанд, вале агар умумӣ карда гӯем, ин ба ҳисоби миёна атрофи 5000 метри мукааб обро дар як сол барои 1 гектар замини обёришаванда ташкил медиҳад. Ин, фарз кардем, обёрии умумикардашуда, аз рӯи ҷӯякҳо мебошад. Аз рӯи дархости қабулкарда, мо метавонем барои ҳар як зироат меъёри миёнаи обмониро пешниҳод намоем. Дар ноҳияҳои камоб бошад, мо тавсия медиҳем, ки зарфҳои худро ба системаҳои самараноки обёрӣ, монанди обёрии қатрагӣ ё боронӣ-спринклерӣ, ки дар ҷараёни обмонӣ обро то 50% камтар масраф мекунад, пайваст намоянд. Дар чунин системаҳо шояд баъзе нозукиҳо ҳастанд ва ҳар як ҳолатро алоҳида дида баромадан лозим аст. Ин саволҳои комилан техникӣ хастанд. Дар натиҷа пас аз насби ин намуди технологияи самараноки обёрӣ, деҳқон албатта бурд мекунад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур барои пешниҳоди чунин маълумот. Шумо метавонед ба нархои зарфҳо ва ҳавзҳои нигоҳдории об равшанӣ андозед?

*Мутахассиси молиявии лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ҳар кадоме аз технологияҳои истифодашаванда маблағ талаб мекунад. Барои зарфҳо арзиши миёна аз 50 дирам то 1 сомонӣ барои 1 литр нигоҳдории об ташкил медиҳад. Барои ҳавзҳои бетонӣ бошад, вобаста аз як ҷо ба дигар ҷо тағйир меёбад, вале одатан 10 000-15 000 сомониро барои ҳавзи 20-тоннагӣ ташкил мекунад. Боз ҳам, нархаш тахминӣ аст ва вобаста аз ноҳияҳо ва талаботҳои деҳқон

метавонад тағйир ёбад. Зарфҳои ҳаҷму шаклашон гуногун барои об дар бозорҳои маҳаллии Султони Кабир, Кушониён ва дигар бозорҳои масолеҳи сохтмонӣ дар кишварамон дастрас мебошанд. Нисбати зарфҳои металлӣ бошад, бояд бигӯем, ки онҳо асосан истифодашуда мебошанд. Сохтани ҳавзҳои металлу бетонӣ барои нигоҳдории об нисбатан осонтар аст. Дар ҳар як шаҳр ё деҳа мутахассисе ёфт мешавад, ки онҳоро бо нархҳои дастрас сохта медиҳад. Вале азбаски ҳавз барои нигоҳдории об мебошад, мо тавсия медиҳем, ки деҳқонон масолеҳи сохтмонии ҳозиразамон ва сементи хушсифатро истифода баранд, то ки ҳар гуна резишҳои об пешгирӣ карда шавад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур! Ҳоло бошад, мехостам ҳамкори худро ба сӯҳбат даъват намоям, то ки он кас дар бораи таҷрибаи муваффақи як шаҳрванди Тоҷикистон, ки барои ҳалли муаммои нигоҳдории об маблағгузорӣ кард. Дар натиҷа об сарфа гардида, ҳамзамон ҳамчун манбаи ҳаётан муҳими оби ошомиданӣ барои сокинони деҳаи худ гардидааст. Алиакбар Муродалиев дар оилаи калоне зиндагӣ мекунад, ки он аз 7 аъзои оила иборат буда, дар деҳаи Ҳаёти Нави ноҳияи Ёвон ҷойгир аст. Ҳоло ҳамкорамон ба мо дар бораи ин таҷрибаи муваффақ мегӯянд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Салом, бале, деҳаи Ҳаёти Нав бо мушкилоти ҷустуҷӯи сарчашмаҳои мувофиқи оби нӯшокӣ дучор гардида буд. Оби сарчашмаҳои ин деҳа шӯр буд. Муродалиев хост барои истеъмоли шахсиаш роҳи ҳал ёбад, инчунин талаботи ҳаррӯзаи сокинони деҳаи худро бо об дастгирӣ намояд. Ӯ ба яке аз бонкҳо-шариконИ Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд барои гирифтани қарз ба андозаи 2270 доллари ИМА муроҷиат кард, барои харидории зарфи ҳаҷмаш 4000 литр. Ӯ нақша дошт, ки обро аз манбаҳои мувофиқ бо трактори худ кашонад. Бо истифодаи зарф Муродалиев метавонад то 75 м3 оби нӯшокӣ дар як сол сарфа кунад.

Нигоҳдории об – ин усули устувор барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи об мебошад. Ин технология барои ҳамон истеъмолкунандагон муҳим аст, ки ба сарчашмаҳои боэътимоди об, истеҳсол ва обёрии заминҳои худ дастрасӣ надоранд. Мавриди зикр аст, ки бурда расонидани оби нӯшокӣ ба деҳа ба қаноатманд гардидани талаботи ҳаррӯзаи сокини деҳа кафолат дода, ин амал деҳаро барои зиндагӣ мувофиқ мегардонад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур, ин воқеан ҳам таҷрибаи бисёр ҷолибу илҳомбахш буд. Ин ҷо мехостам таъкид намоям, ки Барномаи маблағгузории иқтисоди сабзи Тоҷикистон маҳсулоти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд мебошад, ки он дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, Хазинаи Иқлими Сабз ва Ҷумҳурии Корея фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд. Барнома тавассути шарикони молиявӣ дар Тоҷикистон барои гузариши он ба иқтисоди сабз бо роҳи ҷудо намудани 25 млн. доллари ИМА дастгирӣ зоҳир менамояд. Барои гирифтани маълумоти иловагӣ метавонед ба сомонаи мо www.ebrdgeff.com/tajikistan ворид шавед ё худ моро дар саҳифаи Facebook дарёфт намоед.

Ин пахши панҷуми силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон буд, ки дар ду ҳафта як маротиба шунавонида мешавад. Ба шунавандагон барои таваҷҷӯҳатон изҳори сипос менамоем.

Дар фарҷом, дар чунин давраи бисёр мураккаб мо мехостем аз ҳамагон даъват ба амал орем, ки эҳтиётӣ зоҳир намуда, қоидаҳои масофаи иҷтимоӣ ва гигиенаи шахсиро риоя намоянд. То дидор!